**Суратмаҷлиси № 12**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 8 октябри соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
Аз 20 нафар аъзои
Шӯро 16 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Абдуҷалилов Фирдавс Низомович дар мавзӯи **«Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ (роҳбари илмӣ н.и.ф., дотсент Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Абдуҷалилов Фирдавс Низомович ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Ж. Б. Гулназарова маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Абдуҷалилов Фирдавс Низомович – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдуҷалилов Фирдавс Низомович дар мавзӯи **«Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва**

**дурнамо»** барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмхои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ (роҳбари илмӣ н.и.ф., дотсент Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Садуллоев Ҷ. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, раиси комиссияи ташхис;
- Муродов М. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;
- Азимов А. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор 16 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.